**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, дорои хусусияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Дар замони муосир муқовимат бар зидди ҷиноятҳои нақлиётӣ, хусусан вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, на танҳо масоили мубрами давлати алоҳида, балки ҷаҳонӣ мебошад. Мутобиқи гӯзориши Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ вобаста ба вазъи бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҳамасола дар ҷаҳон зиёда аз 1,2 миллион одам вафот карда, 50 миллиони дигар бошанд, зарарҳои гуногун ба саломатӣ мегиранд.

Инчунин, дар 10 моҳи соли 2021 дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 7681 адад садамаи нақлиётӣ ба вуқӯъ пайвастааст, ки дар он наздики 2000 инсон ҳалок гардидаанд.

Чунин масъала дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷой дорад. Омӯзиши омори расмӣ нишон медиҳад, ки ҳамасола теъдоди садамаҳои нақлиётӣ дар сатҳи баланд қарор доранд. Дар миқёси ҷумҳурӣ солҳои 2010 – 1 547,

2011 – 1 401, 2012 – 1 381, 2013 – 1 466, 2014 – 1 514, 2015 – 1 475, 2016 – 1 326, 2017 – 1 303, 2018 – 1285, 2019 – 1212 ва 2020 – 1109 адад садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта, дар умум 15 019 ададро ташкил медиҳанд. Дар натиҷаи ин садамаҳо 5 660 инсон ба ҳалокат расида, 20 383-нафар зарарҳои гуногун ба саломатӣ бардоштаанд. Тибқи маълумоти Сармаркази иттилоотию таҳлилии ВКД ҶТ бошад, дар давраи солҳои 2010 – 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ 10 638 ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт (м. 212 КҶ ҶТ) аз ҷумла, солҳои 2010 – 801, 2011 – 813, 2012 – 855, 2013 – 1 027, 2014 – 1 096, 2015 – 1 115, 2016 – 1 031, 2017 – 976, 2018 – 946, 2019 – 958 ва 2020 – 1020 адад ба қайд гирифта шудааст.

Вобаста ба ин, диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аҳаммияти махсус дорад. Зеро он бевосита ба масъалаҳои мафҳумҳои объект, субъект, тарафи объективӣ ва субъективии ҷинояти мазкур, даврабандии таърихи рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти тадқиқшаванда, муқаррар намудани меъёри ҳавасмандгардонӣ нисбати шахсе, ки кирдори пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ-ро содир намуда, тамоми чораҳои имкониятпазирро ҷиҳати расонидани ёрӣ ба ҷабрдида дида бошад, бахшида шудааст.

Диссертант вазифаҳои тадқиқотро, ки сохтори диссертатсияро муайян менамоянд, возеҳу равшан тартиб додааст. Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрам будани мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, алоқамандии мавзӯъ бо дигар корҳои

илмӣ-тадқиқотӣ муайян шуда, дараҷаи омӯзиши илмии он дар адабиёти илмӣ тавсиф шуда, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ муайян шуда, асосҳои назариявӣ, методологӣ, меъёрию эмпирикӣ ва сохтори тадқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Ҳамчунин, дар ин қисмат аз ҷониби муаллиф навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дарҷ гардида, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия **«Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт: таҳлили таърихӣ ва муқоисавӣ»** аз ду зербоб иборат аст, ки дар он муаллиф масоили таърихи рушди қонунгузории Тоҷикистонро омӯхта ва таҳлили муқоисавии Кодекси ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ – ро оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт газаронидааст.

Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия – **Рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт** муаллиф аҳаммияти тадқиқи таърихии мавзӯи мазкурро ҷиҳати такмил додани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии амалкунанда муҳим арзёбӣ намудааст. Муҳақиқ исбот менамояд, ки дарки дурусти қонунҳое, ки ҷавобгариро барои ин ё он кирдор муқаррар мекунад, бе донистани сабаб ва таърихи пайдоиши он ғайриимкон аст. Муаллиф аз рӯйи ташаккул ва инкишофёбии меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон, таърихи рушди масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро ба чор давра ҷудо намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»**

муҳиммияти таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои номбурда вобаста ба ҷавобгарӣ барои ҷинояти тадқиқшаванда асоснок карда шудааст.

Ба ақидаи диссертант, танзими ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ҷинояти татқиқшаванда дар Кодекси ҷиноятии ИДМ бо дарназардошти муқаррароти Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ ба роҳ монда шуда, бо гузашти вақт дар онҳо тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Дар асоси таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ ва ҷиҳати ба ҳамдигар наздик намудани қонунгузории миллӣ бо қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии ИДМ пешниҳод мегардад, ки дар эзоҳи м. 212 КҶ ҶТ меъёри ҳавасмангардонӣ муқаррар карда шавад.

Боби дуюми диссертатсия – **«Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** аз чор зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби аввали боби дуюм – **«Объекти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** объекти ҷинояти номбурда бо назардошти гурӯҳбандии амудӣ ба намудҳои умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита тақсим гардида, объекти бевоситаи ҷиноят, дар навбати худ, аз рӯйи гурӯҳбандии уфуқӣ ба намудҳои алоҳида – асосӣ, иловагӣ ва алтернативӣ ҷудо гардида, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар баробари баррасии мавзӯи объекти ҷинояти мазкур диссертант масоили предмет ва ҷабрдидаи ҷиноятро мавриди тадқиқ қарор додааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм **– «Тарафи объективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** масъалаҳои аҳаммияти ҳуқуқии тарафи объективии ҷинояти номбурда баррасӣ шуда, аломатҳои асосӣ ва иловагии он таҳлил шуда, мазмуни ҳар яки он равшан гардидааст.

Ҳамзамон, диссертант якчанд мушкилиҳои мавзӯи зербобро баррасӣ намуда, меафзояд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳумҳои вайрон кардани «қоидаҳои ҳаракати роҳ» ва «қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт» фикри ягона ҷой надорад.

Дар асоси омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар раванди тадқиқот, муаллиф ба хулосае омадааст, ки асосан вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар амалия бештар дар се намуд – баланд намудани суръати ҳаракати роҳ, итоат накардан ба ишораи чароғаки роҳнамо ё роҳ надодан ба пиёдагардон, инчунин идораи воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ содир мегардад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Субъекти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** нахуст мазмуни истилоҳи «субъект» равшан гардида, аҳаммияти он оварда шуда, мафҳуми «субъекти ҷиноят» баррасӣ шуда, ҳар як аломати он дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, баъдан дигар масоиле, ки доир ба субъети ҷинояти тадқиқшаванда дар назария, қонунгузор ва амалияи судӣ дахл доранд, мавриди тадқиқ қарор дода шудааст.

Ғайр аз ин, диссертант масъалаи ба таври гуногун маънидод гардидани мафҳуми «идоракунандаи воситаи нақлиёт»-ро баррасӣ намуда, исбот намудааст, ки чунин гуногунфаҳмиҳо барои дуруст муайян намудани доираи шахсоне, ки бояд аз рӯйи м. 212 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ ҷалб карда шаванд, мушкилиҳоро эҷод намудааст.

Дар зербоби мазкур қайд мегардад, ки диспозитсия ва санксияи м. 212 КҶ ҶТ дар муқоиса бо дигар моддаҳои ҷиноятҳои нақлиётӣ баръало нишон медиҳад, ки қонунгузориҷ ҷиноятӣ намуд, андоза ва мухлати ҷазоро «новобаста» аз намуд ва андозаи зарари расонидашуда, балки бо дарназардошти субъекти ҷиноятҳои мазкур муқаррар намудааст.

Зиёда аз ин, муаллиф дар зербоби чоруми боби дуюм – **«Тарафи субъективии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** мавқеи олимонро вобаста ба нуқтаи назари онҳо, ки гурӯҳи якум шакли гуноҳи ҷинояти мазкурро дар қасди бавосита, дуюм бо ду шакли гуноҳ, сеюм беэҳтиётӣ дар намуди худбоварӣ ва чорум беэҳтиётӣ дар намуди бепарвоӣ эътироф намудаанд, ҷудо карда, ҳар яки онро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил ва аз диди худ баҳогӯзорӣ кардааст.

Дар асоси таҳлили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ диссертант муайян менамояд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ муносибати рӯҳии шахс танҳо нисбат ба оқибати ҷинояти м. 212 КҶ ҶТ мушаххас шуда, аммо нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфнок сарфи назар гардидааст. Дар иртибот ба ин масъала муаллиф фикрҳои мутахассионро баррасӣ намуда, назари худро оид ба сабабҳои чунин танзимнамоии қонугузорӣ баён кардааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** дар он ба назар мерасанд, ки диссертатсияи мазкур нахустин тадқиқоти муназзам ва ҳамаҷониба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои объективию субъективӣ, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзӯи номбурда мебошад.

Навгонии дигари тадқиқоти анҷомдодаи диссертант ба чунин омилҳо асос меёбад:

–даврабандии таърихи рушди меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт пешниҳод карда шудааст;

–қонунгузории ҷиноятии давлатҳои иштирокчииИДМ-ро вобаста ба дараҷаи муайяниятии аломатҳои таркиби ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ба гурӯҳҳо ҷудо намудааст;

– муқаррар намудани меъёри ҳавасмандгардонӣ нисбати шахсе, ки кирдори пешбининамудаи м. 212 КҶ ҶТ-ро содир намуда, тамоми чораҳои имкониятпазирро ҷиҳати расонидани ёрӣ ба ҷабрдида дида бошад, асоснок карда шудааст;

– ҷиҳати ҳалли баҳсҳои назариявӣ ва мушкилоти амалия зарурияти мустаҳкам намудани мафҳумҳои «вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ» ва «вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор исбот гардидааст;

– бо дарназардошти таҷрибаи мусбати қонунгузории давлатҳои иштирокчии ИДМ ва бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бар зидди вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаҳои нақлиёт пешниҳод гардидааст, ки дар ҳолати мастӣ содир намудани ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гардидааст, ҳамчун аломати алоҳидаи бандубасткунандаи ҷиноят муқаррар карда шавад.

–ҳамчун аломати бандубасткунандаи ҷиноят мустақар кардани «дар ҳолати мастӣ вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва (ё) истифодаи воситаи нақлиёт, ки аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гардидааст» собит намудааст;

–дигар коркардҳои муаллифӣ вобаста ба ҳалли мушкилот ҳангоми татбиқнамоии меъёрҳои ҷинояти мазкур пешниҳод карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** далолати саҳеҳият ва саҳми шахсии муаллиф мебошанд. Мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» дар сатҳи тадқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ гардида, натиҷаи он барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамояд. Инчунин, ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи мавриди тадқиқ қарордодашуда, барои рушди дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳлили ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, ҷонибдорӣ намудан ва нанамудани ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақил дар таҳлили масъалаҳо, истифодаи васеи маводи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ, асосноккунии нуктаҳои илмӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дигар масъалаҳое,

ки аз ҷониби муаллиф пешкаш гардидаанд, аз асоснокӣ ва эътимоднок будани хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда дарак медиҳанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар кори мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт тадқиқ гардидаанд. Аҳаммияти амалии тадқиқоти гузаронидашуда ягон шубҳаро ба вуҷуд намеоварад, чунки дар фаъолияти ҳуқуқтатбиққунанда масъалаҳои зиёди ҳалнашуда доир ба ҳалли асосҳои ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ҷой доранд ва ғ.

**Таълифоти натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Муҳтавои асосии диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар 14 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки фарогири таҳлили паҳлӯҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мебошанд.

Ҳамзамон, муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби маллифи он дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маъруза шудаанд.

Инчунин, дар доираи тадқиқот як дастури таълимӣ  низ ба чоп расонида шудааст.

**Норасоӣ ва камбудиҳои диссертатсия.** Новобаста аз он, ки диссертатсияи тақризшаванда дорои ҷанбаҳои мусбати зиёд мебошад, дар он чунин камбудиҳо ва тавсияҳоро мумкин аст, қайд намуд:

**1.** Дар диссертатсия маълумоти оморӣ доир ба ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт дар солҳои 2010-2020 мавриди таҳлили алоҳида қарор дода шудааст. Аз диди мо, нишондоди омории 9 моҳи аввали соли 2021 – ро низ илова намудан

зарур буд. Зеро дар чунин ҳолат, маълумот оид ба вазъи муосири ҷиноятҳои алоқаманд ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мукаммалтар мегардид;

**2.** Дар тадқиқоти диссертатсионӣ мумкин буд боз ҳам шумораи бештари мисолҳои амалӣ бо мақсади асоснок намудани нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодгардида, истифода мегардид;

**3.** Ҳангоми таълифи диссертатсия мақсаднок мебуд, ки дар он бештар корҳои илмӣ ба монанди диссертатсияҳо, авторефератҳо ба диссертатсия ва монографияҳои олимон, ки ба мавзӯи тадқиқоти мазкур бахшида шудаанд, истифода мешуданд;

**4.** Дар нуктаи илмии якум дарҷ шудааст, ки солҳои 1922-1935 – ин пайдоиши меъёрҳои умумии ҷавобгарӣ барои ҷинояти тадқиқшаванда ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, қайд мегардад, ки дар он замон саравввал ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят ба як низоми меъёрҳои махсус даровარда нашуда буд ва аз ин лиҳоз, на ҳама вақт дар амалия меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ба таври ягона амалӣ мегардиданд. Доир ба ин масъала, мехостам муаллиф мушаххас намояд, ки ӯ бо дарназардошти кадом асосҳо ва ё омӯзиши маводҳои эмпирикии солҳои номбурда ба чунин хулоса омадааст, ки меъёрҳои қонуни ҷиноятии он вақт ба таври ягона амалӣ намегардиданд.

Албатта эродҳое, ки дарҷ гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, аҳаммияти илмии тадқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад мантиқан дуруст ва илман асоснок мебошанд. Бешубҳа, натиҷаҳои тадқиқоти илмии тақризшаванда аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ истифода гарданд. Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки пешниҳод, хулоса ва нуктаҳои илмие, ки дар диссертатсия иброз гардидаанд, ҷиҳати бартараф намудани холигии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тарзе маълум гардид, Нарзуллозода Сухроб Саидаҳмад унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, инчунин, робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне, диссертатсия дар доираи мавзӯи илмии кафедраи болозикр таҳти унвони «Такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистӣ, гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар ва коррупсионидошта» иҷро шудаст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Зиёда аз ин, аз тарафи муаллифи диссертатсия дар мақоҷа ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ироа гардидааст, ки аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи диссертатсионӣ бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои тадқиқот муайян карда шуд, ки аз пешгуфтор, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва замима иборат буда, ҳаҷми умумии он 217 саҳифаро дар бар мегирад.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат мебошад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷумла, мазмун мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия инъикос ёфтаанд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи мазкур, ки ба мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» бахшида шудааст, аз рӯйи мазмун ва моҳияти хеш фарогири масъалаҳо ва мушкилоти гуногун мебошад. Аз ин лиҳоз, тамоми вазифаҳо ва мақсадҳое, ки дар назди тадқиқоти мазкур гузошта шуда буданд, ба пуррагӣ бо истифода аз методҳои дар тадқиқот мавҷудбуда ҳалли худро пайдо намудаанд, ки ин имконият медиҳад то мо тадқиқоти диссертатсионии Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмадро ҳамчун тадқиқоти мукаммали илмӣ–тахассусии анҷомёфта эътироф намоем.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад дар мавзӯи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» ба талаботи бандҳои 10, 11, 14 ва 16 – и Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти № 505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт мусоидат хоҳад намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки тадқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад, пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои

бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва соҳаҳои дигар мусоидат карда, барои ҳалли мусбии як зумра масъалаҳо ва мушкилоти вобаста ба мавзӯи тадқиқот нақши муҳимро мебозад. Ҳамзамон, хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳим дошта, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ метавонанд истифода шаванд. Илова бар ин, маводи диссертатсияро ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва асосҳои илмии квалификатсияи ҷиноятҳо, таълиф намудани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ ва диссертатсияҳо васеъ истифода намудан мумкин аст.

Ҷиҳати хуби тадқиқоти диссертатсиониро таҳлили илмии комплексии ҳамаҷонибаи донишҳои бадастовардашуда дар соҳаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ташкил медиҳад.

Диссертант мақсади омӯзиши комплексиро комилан мақсаднок гузошта, дар асоси он, муайян намудани камбудиҳо вобаста масъалаи вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин коркард ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузори ҷиноятӣ дар ин соҳа, назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятиро баррасӣ намудааст.

Дар асоси мақсадҳои гузошта, муаллиф объект ва мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муайян намудааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби сохторҳои ваколатдор тасдиқ карда шуда, дар амалия ворид карда шудаанд. Ғайр аз ин, маводҳои 120 парвандаи ҷиноятии шахсоне, ки аз рӯйи м. 212 КҶ ҶТ маҳкум шудаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар умум, Нарзуллозода Суҳроб Саидаҳмад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08.

– Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз дошт, ки тақризи мазкур бо дарназардошти «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Профессори кафедраи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва криминологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Қ.Р. Абдурасулова**

**Имзои Қ.Р. Абдурасуловаро тасдиқ менамоям:**
**Сардори котиботи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, майор** **Мамажонов Х.Х.**

**Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 100197**
**Суроға: Ҷумҳурии Ӯзбекистон,**
**ш. Тошкент, куч. Интизор, 68**
**Телефон: + (998) 909-63-92-51;**
**E-mail: prof.abdurasulova@gmail.com**